# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа» (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ**

*аз “10” 03 соли 2026* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимзода Ҳ.Р. - раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қандиёрова Д.О. - аъзои комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафаров Б.Г. аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор хулосаи зеринро қабул намуд:

### *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи банди 17-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267”), мувофиқат мекунад.

Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор 03 апрели соли 1996 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор соли 2019 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳо хатм намудааст. Соли 2021 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти

корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2024 хатм кардааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар ҷаласаи Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 24 июни соли 2021, протоколи №11 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Фақеров Ҳамидуллохон Нуриддинович мебошад.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 5 (аъло), таърих ва фалсафаи илм 4 (хуб) ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

## *II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ*

Диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа» (дар мисоли вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастомада бо бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисод саҳм хоҳанд гузошт.

## *III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд*

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 11 кори илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

### *IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа» (дар мисоли вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ пешниҳод шудааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Каримова Мавзуна Тимуровна – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири шуъбаи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои иқтисоди байналхалқии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- Нурублоева Мадинабону Мавлоновна – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Раҳимзода Ҳ.Р.

**Аъзоёни комиссия:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Қандиёрова Д.О.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Сафаров Б.Г.